## ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи "Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Мавзӯи ватан ва ватандӯстӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ собиқаи тӯлонӣ дошта, ин мафҳум вобаста ба вазъи сиёсии адвори мухталифи таърихӣ дар фаҳми эҷодкорон маъноҳои гуногун доштааст. Шоирону адибони мо дар осори худ бо ишқу алоқаи самимӣ ватан-сарзамини ниёгони хешро васф карда, дар ин замина ашъори хубу дилангез эҷод кардаанд. Дар адабиёти муосири тоҷик низ вобаста ба дигаргуниҳои куллӣ ва пешомадҳои мухталифи сиёсӣ шоирон ба ин мавзӯъ аз манзарҳои гуногун таваҷҷуҳ кардаанд. Дар ин миён Камол Насруллоҳ ба унвони як фарзанди ростини меҳандӯсту ватанхоҳ масъалаҳои ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ, ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ ва дигар ниёзҳои иҷтимоии миллати худро ба гунаи бoиставу шоиста дар ашъори хеш бозгӯ кардааст. Мавзӯи ватан ва ватандӯстӣ, бидуни шак, аз муҳимтарин мавзӯъҳои ашъори Камол Насруллоҳ маҳсуб мешавад ва ин амр ӯро аз шоирони мумтози ин мавзӯъ сохтааст. Шоир дар ин гуна ашъор ба ташвиқи миллати тоҷик ба ватандӯстӣ, ифтихор намудан ба пешинаи таърихӣ ва илмию фарҳангии ниёгони худ пардохта, хоҳони сарбаландии миллат, пойдории давлат ва истиқлоли он шудааст.

Ҳарчанд Камол Насруллоҳ аз шоирони мумтози замони мо маҳсуб мешавад, ашъори ӯ дар илми нақду илми адабиётшиносии тоҷик то кунун мавриди таваҷҷуҳи хосси муҳаққиқону адабиётшиносон қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, рисолаи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна таҳти унвони "Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насруллоҳ", ки ба таҳқиқи густардаи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Камол Насруллоҳ, марҳилаи оғозини пайвастани шоир ба муҳити эҷодӣ, тасонифоту таълифоти шоир, хусусиятҳои мавзӯӣ ва мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насруллоҳ бахшида шудааст, аз аҳамияти зиёди илмӣ бархурдор буда, саҳифаҳои тозаеро дар илми нақду илми адабиётшиносии тоҷик боз хоҳад намуд.

Ҳадафҳои асосӣ, вазифаҳо, равишҳои таҳқиқ ва навгонии илмии рисола мушаххасу муайян буда, нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, нав ва дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд.

Рисола аз муқаддима, се боб, фаслҳову зерфаслҳо, хулоса ва китобнома иборат буда, ба ҳамаи меъёрҳои сохтории рисолаҳои илмӣ мувофиқ аст.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия аҳамият ва дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо, усул ва равиши таҳқиқ, навоварии илмӣ ва арзиши назарию амалии диссертатсияро баён кардааст.

Боби аввали диссертатсия, ки «Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Камол Насрулло» унвонгузорӣ шудааст, шомили панҷ фасл мебошад. Дар ин боб муҳаққиқ зиндагӣ, муҳити хонаводагӣ, таҳсилот ва ибтидои фаъолияти эҷодии Камол Насруллоҳ, ворид шудани ӯ ба муҳити эҷодӣ ва таснифоту таълифоти шоирро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Диссертант перомуни рӯзгор, ашъор ва амрҳову омилҳои таъсиргузор дар зиндагии Камол Насруллоҳ баррасӣ намуда, масъалаҳои мавриди назари худро хуб арзёбӣ кардааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Хусусиятҳои мавзӯии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло» унвон дорад, муаллиф ба баррасии мавзӯву масъалаҳои ватану ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, бозтоби рӯйдодҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он, ибтикороти шоир дар баёни мавзӯъҳои ватан, ваҳдати миллӣ, Истиқлоли давлатӣ, муқаддасоти миллӣ, санаҳои тақдирсоз, анъана ва маросимҳои мардумии ашъори Камол Насруллоҳ пардохтааст. Муҳаққиқ дар  ин боб бо таваҷҷуҳ ба яксаду ҳаштоду панҷ шеъре, ки Камол Насрулло то ин замон ба ин мавзӯъ бахшидааст, ӯро ба дурустӣ аз шоирони пешгоми ин арса арзёбӣ кардааст.

Ҳамчунин, муҳаққиқ дар ин боб таъкид мекунад, ки мавзӯи мазкур ҳанӯз аз айёми наврасиву ҷавонии шоир дар шеърҳои нахустин маҷмӯаи ӯ бозтоб ёфтаанд. Амри мазкур аз диққати муҳаққиқ дар омӯзиши низомманду марҳала ба марҳалаи мавзӯъ ва омӯзиши қиёсии он шаҳодат медиҳад.

Муҳаққиқ дар ин боб тамоми паҳлуҳо ва тобишҳои маънои мафҳуми ватанро дар даврахои мухталифи сиёсӣ ба назар гирифта, ашъори ватандӯстонаи Камол Насруллоро ба ду давраи комилан мухталиф ҷудо кардаву баррасӣ намудааст, ки ба шинохти беҳтари масъала мусоидат менамояд.

Аз бахшҳо ва баҳсҳои муҳимми дигари ин боб, ки арзиши рисолаи муҳаққиқро бештар мегардонад, таваҷҷуҳ ба масъалаи ибтикороти Камол Насруллоҳ дар сурудани ашъори ватандӯстона мебошад. Муаллиф дар ин боб бо далелҳои қотеъ ба бархе ибтикороти шоир, аз

ҷумла дақиқии назар, биниши шоирона ва завқу эҳсосоти баланду самимона, тозагии таъбирҳо, андешаҳо, тасвирҳо ва бозёфтҳои шоиронаи ба куллӣ наву тозаи ашъори Камол Насруллоҳ ишора мекунад.

Боби севуми диссертатсия «Мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло» унвон дошта, муаллиф дар ин боб диққати худро ба масъалаҳои забон ва тарзи баён, ибдооти шоирона ва санъатҳои бадеии ашъори ватандӯстонаи Камол Насруллоҳ равона кардааст. Муҳаққиқ дар асоси таҳлилу баррасии ашъори шоир ба ин натиҷа расидааст, ки Камол Насруллоҳ дар сурудани ашъори ватандӯстона шева ва сабки баёни хос дорад ва бо резакориҳои маъноӣ, тасвир, забон ва шеваи гуфтор ба қалбу рӯҳи хонанда таъсир мерасонад. Ҳамчунин, дар ҳамин боб ба санъатҳои бадеӣ ва абзорҳои дигаре, ки ба сухани шоир бадеияти хос бахшидаанд, таъкид шудааст.

Дар хулосаи рисола натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф баён гардидаанд, ки онҳо натиҷагириҳои тозаи илмӣ мебошанд.

Рисолаи илмӣ-тадқиқотии Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна аз ҳар нигоҳ таҳқиқи монографии анҷомёфта буда, дар илми адабиётшиносии тоҷик дастоварди нав мебошад. Забони илмии рисола суфта ва дар сатҳи хуб қарор дорад.

Дар баробари дастовардҳои зиёди илмӣ дар кори муаллиф, ба назари мо, бархе камбудиҳо дида мешаванд, ки рафъи онҳо боиси беҳтар гардидани сифати рисола хоҳад гардид:

1. Дар боби сеюми фишурда барои баёни мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насруллоҳ дар фасле як ё ду байт омадааст, ки ба назари мо, барои намоёндани ҷанбаҳои ҳунарии ашъори шоир басанда нест.

2. Дар фишурда бархе иштибоҳоти имлоиву техникӣ мавҷуданд. Масалан, дар саҳфаҳои 3, 8, 13, 15, 16, 22, 23 ва 24 ғалатҳои зиёди имлоиву дастурӣ дида мешавад. Ҳамчунин, ба далели нуқсҳои фаннӣ бархе ҷумлаву калимаҳо ба ҳам часпидаанд (Саҳ.: 7, 11, 12, 13, 14, 18, 19, 20, 21, 22, 23). Ҷамъбаст шудани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаб бо як феъл низ дида мешавад, ки аз нигоҳи услуб қобили қабул нест (саҳ.6).

3. Номи бархе ашхос, унвони шеърҳо ва калимаҳо дар фишурда ду шакли навишт доранд: Абдураҳмони Абдуманнон (саҳ.: 3, 6), Абдураҳмони Абдуманнов (13), ниёгон (саҳ.: 13), ниёкон (саҳ.: 12), қолаб (саҳ.: 22), қолиб (саҳ.: 22), "Симои садод (22), "Симои Садод" (25). Ҳамчунин, соли интишори маҷмуаи ашъори Камол Насурлло "Рӯ ба

меҳробн Ватан" дар як ҷо 2007 (саҳ. 4) ва дар ҷойҳои дигар 2010 (4, 12) омадааст.

Албатта, камбудиҳое, ки зикр гардид, бештар ба зоҳири рисола марбут буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо коста намегардонад.

Рисолаи илмии Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи "Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик кори илмии ба итмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

Низомӣ Муҳриддин Зайниддин, доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода"

Авгонов Алишер, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва рушди инноватсионии МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода"

Имзои Низомӣ М.З. ва Авгонов А. Ф.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода" З. Ҳамидова